***ТДУ 534***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-97-100***

***ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ***

***Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич,*** *дотсенти кафедраи педагогика ва табиӣ-риёзӣ МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ***

***Мамадджонов Самеъджон Хабибуллоевич,*** *доцент кафедры педагогики и естественно-математических наук ГОУ "ХГУ им. акад. Б. Гафурова"(Таджикистан, Худжанд)*

***FACTORS IN THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCIES OF FUTURE PRIMARY SCHOOL TEACHERS***

***Mamadjonov Same`jon Habibulloyevich,*** *Associate Professor of the Department of Pedagogical and Natural and Mathematical Sciences, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, салоҳиятҳои касбӣ, маҳорати омӯзгорӣ, омилҳои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, фаъолияти омӯзгорӣ, муаллими синфҳои ибтидоӣ*

*Мақола ба баррасии омилҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.Роҳу усулҳои самарабахши ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир нишон дода шудааст. Вазифа ва мазмуни салоҳияти касбии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ барои мактабҳои миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳити фарҳангӣ баён гардидааст. Хулоса мешавад, ки тартиб додани модел ва технологияи педагогии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ, ки ҷузъҳои раванди таълимро дар як воҳиди ягонаи муттаҳид ҳамчун системаи ягонаи муттаҳидшудаи таълим ба ҳам меорад, сатҳи зарурии салоҳияти касбии омӯзгоронро таъмин менамояд ва шахсияти омӯзгорро дар шароити марҳилаи ибтидоии фаъолияти мустақили касбӣ ташаккул медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *компетентность, профессиональные компетенции, педагогическое мастерство, факторы формирования профессиональной компетентности, педагогическая деятельность, учитель начальных классов*

*Статья посвящена рассмотрению факторов формирования профессиональных компетенций будущих учителей начальных классов. Показаны эффективные пути и методы формирования профессиональных компетенций будущих учителей начальных классов в современных условиях. Описаны задача и содержание профессиональной компетентности будущих учителей начальных классов национальных школ в условиях Республики Таджикистан в культурной среде. Сделан вывод, что разработка педагогической модели и технологии формирования профессиональной компетентности будущих учителей начальных классов, объединяющей компоненты образовательного процесса в единое целое как единую систему образования, обеспечивает необходимый уровень профессиональной компетентности педагогов и личности педагога в условиях начального этапа, формирует самостоятельную профессиональную деятельность.*

***Key words:*** *competence, professional competences, teaching skills, factors of professional competence formation, teaching activity, primary school teacher*

*The article dwells on the consideration of the factors of formation of professional competencies of future primary school teachers. Effective ways and methods of formation of professional competencies of future primary school teachers in modern conditions are shown. The task and content of professional competence of future primary school teachers of national schools in the conditions of the Republic of Tajikistan in the cultural environment are described. It is concluded that the development of a pedagogical model and technology for the formation of professional competence of future primary school teachers, combining the components of the educational process into a single whole as a single education system, ensures the necessary level of professional competence of teachers and the personality of the teacher in the conditions of the initial stage forms an independent professional activity.*

Касби омӯзгорӣ дар баробари касби пуршараф будан, касби хеле серҷабҳа ва мураккаб аст, зеро масъулияти омӯзгор танҳо бо омӯзгорӣ маҳдуд набуда, балки рисолати муҳими дигари ӯ тарбия, ташаккул ва камолоти шахсият, ба ибораи дигар, офариниши шахсият, тасдиқи инсон дар инсон ва кашфи «ман»-и худ аз ҷониби шогирдон мебошад. Аз ин рӯ додани дониши хуб,

ташаккули маҳорату малакаи касбӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ, рушди шахсии муаллими ояндаи синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Маҳорати касбии муаллими оянда, ки иборат аз маҷмӯи хусусиятҳои психофизиологӣ, равонӣ ва шахсӣ мебошад, самаранокии натиҷаҳои фаъолияти касбиро муайян мекунад. Фаъолияти педагогӣ бошад, ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти меҳнатӣ барои омӯзгор фаъолияти касбиро ифода мекунад.

Ба андешаи олими маъруфи рус В.Г.Суходолский, салоҳияти касбии омӯзгор «қобилияти самаранок иҷро кардани фаъолияти касбиро, ки бо талаботи вазифа муайян карда шудааст, дар асоси маълумоти бунёдии илмӣ ва муносибати эҳсосӣ ва арзишӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ дар назар дошта, муносибатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим ва сифатҳои шахсӣ, аз қабили доштани донишҳои назариявӣ ва маҳорати касбиро пешбинӣ мекунад»[3]. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, ягонагии омодагии назариявӣ ва амалии шахс ба фаъолияти омӯзгорӣ салоҳияти ӯро ташкил медиҳад. Маҳорати касбӣ ва маҳорати педагогии омӯзгор салоҳияти касбии ӯро ифода мекунад.

Аз ин рӯ, ягонагии омодагии назариявӣ ва амалии шахс ба фаъолияти омӯзгорӣ салоҳияти ӯро ташкил медиҳад. Маҳорати касбӣ ва маҳорати педагогии омӯзгор салоҳияти касбии ӯро ифода мекунад.

Аз омӯзиш, таҳлили мавқеъ ва андешаҳои мухталифи муҳаққиқон (1,2,3) оид ба масъалаи салоҳият ва муайян намудани моҳияти мафҳуми «салоҳияти касбӣ» хулосаи зерин баровардан аст, ки нахуст, мафҳуми «салоҳияти касбӣ» ҳамгироии дониш, таҷриба ва сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимро ифода менамояд; дуюм, аз қобилияти омӯзгор дар иҷрои самараноки фаъолияти касбӣ шаҳодат медиҳад.

Салоҳият дараҷаи дарки қобилиятҳои муайян, азхудкунии дониш ва маҳоратро нисбат ба сатҳи воқеии хусусиятҳо, вазифаҳо ва масъалаҳои иҷрошаванда тавсиф мекунад. [4]

Бояд гуфт, ки дар айни замон таваҷҷуҳи олимон ватаниву хориҷӣ ба масоили тайёри касбии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар системаи маориф афзуда, як қатор тадқиқотҳо низ оид ба муаммоҳои ташаккули салоҳиятҳои дидактикию методии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, тайёрии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ аз нигоҳи дидактикӣ-методӣ ба ташаккули шахсият нигаронидашуда, омода намудани муаллими ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои татбиқи рушди таълиму тарбия, интихоби бошууронаи системаҳо ва моделҳои таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ, рушди озодии шахсии хонандагон ва амсоли ин руйи кор омадаанд.

Тибқи маводи бадастомадаи таҳқиқӣ метавон хулоса баровард, ки рӯз аз рӯз доманаи таҳқиқи масоили марбути тайёр кардани муаллимони синфхои ибтидоӣ торафт вусъат меёбад ва бо вуҷуди он оид ба масъалаҳои такмил додани тайёрии касбии муаллимони синфхои ибтидоӣ дар донишгоҳ дар бораи шаклҳои инкишофи мушаххас маълумоти кофӣ мавҷуд нест, марҳилаҳои тайёрии касбӣ аниқ нашудааст, аз худ кардани таҷрибаи амалӣ гардондани принсипҳои инкишофи шахсияти муаллими оянда дар шароити таълими ивазшаванда баррасӣ нагаштааст, технологияи ташаккули муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ коркард нагаштааст.

Тадқиқот бо асосноккунии назариявӣ ва методологӣ ва таҷрибавии маҷмӯи шартҳои педагогӣ метавонад, ки самаранокии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаро таъмин намояд. Ба ин хотир омӯзиши раванд ва шароити педагогии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир самаранок хоҳад буд, агар:

- хусусият ва мушкилоти салоҳияти касбӣ, тамоюл ва дурнамои рушди равиши салоҳиятдор дар соҳаи маориф муайян гардида, мафҳуми «салоҳияти касбӣ» муайян карда шавад;
- модели ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити дузабонӣ ва бисёрзабона таҳия шуда, самтҳои асосӣ, маҷмӯи ҷузъҳои сохтории онро (маҳоратҳои педагогӣ, сифатҳои ба шахсият нигаронидашуда, ҷанбаи таълимии ташаккули фанҳои таҳсилоти ибтидоӣ муайян карда шавад.
-модели ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба консепсияи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти омӯзгор ва самти инсонпарварии ӯ асос ёбад;
- ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо технологияи муосири соҳаи тарбияи шахсӣ таъмин карда шавад, ки дар он мазмун, усул, восита ва шаклҳо мавқеи муҳим дорад ва он минбаъд ба фаъолияти фаъоли таълимӣ ва касбии ӯ мусоидат намояд;

Ба ин хотир вазифаи мо муҳаққиқон, пеш аз ҳама, аз иҷрои вазифаҳори зерин бояд иборат бошад:

1. Моҳият ва сохтори ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро муайян намоем.

2. Мундариҷаи назариявии проблемаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро коркард ва асоснок намоем.

3. Моҳияти мафҳуми «салоҳияти касбӣ»-и муаллими оянадаи минфҳои ибтидоиро ҳамчун мақсад ва ҷузъи ташаккули салоҳияти касбӣ дар шароити донишгоҳи педагогӣ муайян намоем.

4. Тартиб додани модел ва технологияи педагогии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро, ки ҷузъҳои раванди таълимро дар як воҳиди ягонаи муттаҳид ҳамчун системаи ягонаи муттаҳидшудаи таълим ба ҳам меорад, сатҳи зарурии салоҳияти касбии омӯзгоронро таъмин менамояд ва шахсияти омӯзгорро дар шароити марҳилаи ибтидоии фаъолияти мустақили касбӣ ташаккул медиҳад, амалӣ намоем.

Дар асоси нуктаҳои зикршуда метавон гуфт, ки салоҳияти касбии омӯзгор доираи васеи масъалаҳои муҳими педагогиро фаро мегирад ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои касбӣ ва шахсиро дар бар мегирад, ки ба ташаккул ва инкишофи шахсияти муаллими оянадаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити бисёрзабонӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин аз омӯзгори оянда ҳисси баланди масъулиятро барои таълиму тарбияи шогирдони худ тақозо менамояд, то ки насли оянадаи ҷомеаи мо фарди ҳамқадами замон бошад, дар ҷаҳони зудтараққиёбанда ва зудтағйирёбанда пайроҳаи зиндагии худро дарёбад ва дар он мавқеи худро пайдо кунад.

Ҳамин тавр, масъалаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянадаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити ислоҳоти ҷорӣ дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи ватанӣ мебошад ва таҳлили нуктаи назари гуногун ва мафҳумҳои мавҷудаи муаллифони алоҳида ба хулосае оварда метавонад, ки ба фикри мо, мазмуни салоҳияти касбии муаллимони оянадаи синфҳои ибтидоӣ барои мактабҳои миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳити фарҳангӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

1.Маҳорати педагогии амиқ, ки иборат аз донистани хусусиятҳои ҷараёни таълим, қобилияти тарҳрезӣ ва ба сӯи мақсади пешбинишудаи он иборат бошад;

2. Кордонӣ, яъне дорои қобилияти касбии педагогӣ, донистани усулҳои таълиму тарбияи мактаббачагон, дарки дониши амиқи шогирд, бохабар будан аз тағйироте, ки дар зери таъсири раванди педагогӣ ба амал меояд ва мубодилаи таҷрибаи кори педагогиро амалӣ намояд;

3. Дорои сифатҳои шахсӣ, аз қабили шавқу ҳавас ба касби муаллимӣ, ташаккули эҷодкории педагогӣ, ташаббускорӣ, фаъолнокӣ дар раванди таълим, худомузӣ ва худтакмилдиҳӣ ва амсоли инҳо бошад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Алиев, С. Научно-педагогические основы формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах Республики Таджикистан (на материале английского языка). Автореф. дис. докт. пед. наук/С.Алиев.- Душанбе.2006 .- 48 с.
2. Зимняя, И.А.Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании / И.А.Зимняя. - М., 2004. – 381 с.
3. Сайдуллоева, М.М. Проблема подготовки педагогических кадров в Таджикистане в годы независимости. Автореф. дис. канд. пед. наук/М.М.Сайфуллоева.- Душанбе.2006.-22 с.
4. Суходольский, Г.В. Основы психологической теории деятельности/ Суходольский, Г.В.- Москва, ЛКИ, 2008. -168с.
5. Умарова, М. К. Особенности формирования профессиональной компетенции будущих учителей-филологов / М.К. Умарова, Ш.И. Хакимова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2018. – № 3(56). – С. 208-213. – EDN YMRCPR.
6. Хмель, Н.Д. Теоретические основы профессиональной подготовки учителя/ Н.Д.Хмель. - Алматы, 1998.- 320 с.
7. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированного образования/А.В. Хуторской// Народное образование. - 2003.-№2.- С.58-64.


## REFERENCES:


1. Aliev, S. Scientifico-pedagogical foundations for the formation of professional competence of foreign languages future teachers at pedagogical universities of the Republic of Tajikistan (based on the English language):synopsis of doctoral dissertation in pedagogy/S.Aliev. –Dushanbe,2006.-48 p.
2. Zimnyaya, I. A. Key competencies as a result-target basis for the competence-based approach in education / I. A. Zimnyaya. - Moscow, 2004. - 381 p.

3. Saidulloeva, M.M. The problem of training teaching staff in Tajikistan during the years of independence: synopsis of candidate dissertation in pedagogy / M. M. Saifulloeva. – Dushanbe, 2006.-22 p.
4. Sukhodolsky, G. V. Fundamentals of the psychological theory of activity / Sukhodolsky, G. V.-LKI. 2008. -168 p.
5. Umarova, M. K. Features of the formation of professional competence of future teachers-philologists / M. K. Umarova, Sh. I. Khakimova // Scientific notes of the Khujand State University named after academician B. Gafurov. Series of humanitarian and social sciences. - 2018. - № 3 (56). - P. 208-213.
6. Khmel, N. D. Theoretical foundations of professional training of teachers / N. D. Khmel. - Almaty, 1998.- 320 p.
7. Khutorskoy, A. V. Key competencies as a component of personality-oriented education / A. V. Khutorskoy // Public education. - 2003.-№ 2.- P. 58-64.